Т а қ р и з

ба автореферати диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилави дар ҷараёни самаранокистифодабарии заминҳои корами обии ҷанубии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 08.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Кишоварзӣ ин соҳаи муҳими хоҷагии халқи Тоҷикистон буда, дар истифодаи самараноки заминҳои корам дар шароити зиёд шудани талабот ба маводи ғизоӣ ва афзоиши бо суръати аҳолии ҷумҳурӣ сол ба сол нақши аввалиндараҷаро мебозад. Бинобар ин, корҳои илмию тадқиқоти бо коркардаи технологияи истифодаи самараноки заминҳои корами ҷанубии Тоҷикистони барои рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар 1 сол равона гардидааст, ки барои расидан ба яке аз Ҳадафҳои стратегии кишвар - Таъмини амнияти озуқаворӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Қайд намудан лозим, аст ки мукаммалгардонии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои корам ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз мубрамии мавзуъ бешубҳа буда ва гузаронидани корҳои тадқиқотӣ-илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ манфиатнок мебошад.

Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Филиали Институти зироаткории АИКТ дар ноҳияи Кушониён (собиқ Бохтар) вилояти Хатлон дар баландии аз 329 то 445 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гаштааст, дар давоми солҳои 2020-2023 гузаронида шудааст.

Дессертант Давлатова Р.Н. дар корҳои тадқиқоти қайд менамояд, ки Натиҷаи ташхиси намунаҳои хоки замини қитъаи таҷрибаи 2-юм баъди 3 соли тадқиқот нишон медиҳад, ки моддаҳои ғизоӣ дар қабати шудгоршаванда 0-35 ва таги он (35-60 см) нисбати то гузаронидани таҳқиқот гумус мутаносибан дар қабатҳои хок тибқи нақша аз 0,216 то 0,230; 0,193-0,187%, нитрогени маъданӣ 119,7-116,3; фосфори фаъол 119,4-114,1; 35,6-22,8% ва калий ивазшаванда бошад 37,7-41; 28,5-26,9% баланд гардидааст. Ҳамин тавр, таҳлили натиҷаҳои ташхиси хоки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кишт намудани зироатҳои фосилавӣ дар системаи самаранок истифодабарии замин бо мақсади гирифтани 3-4 ҳосил аз 1 га натанҳо анбӯҳи сабз барои хӯроки чорво, балки аз ҳисоби боқимондаи решагиаш ба баландшавии ҳосилхезии он мусоидат намуда, дар маҷмуъ, бо нуриҳои маъданӣ барои зироатҳои баъдкиштшаванда ва ҳосилнокии онҳо низ таъсири мусбат мерасонанд.

Аз таҳлили натиҷаҳои бадастомада маълум шуд, ки навъҳои нави зироатҳои фосилавии мушунги Серҳосил дар киштӣ тоза баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз ба ҳисоби миёнаи сесола дар хок 155 с/га решапоя боқӣ мемонад. Аз киштӣ омехтаи мушунг+сулии Тоҷикӣ-70 ва сулии Тезпазак боқимондаҳои решапоя ба 163-168 с/га баробар шуда, аз киштӣ навъҳои сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 ин нишондиҳанда ба 178-183 с/га расид, ки нисбати киштӣ тозаи мушунги Серҳосил 23-28 с/га зиёд мебошад.

Кори дессертатсионӣ аҳаммияти илмию амалӣ дошта, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва докторант барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 08.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақризиҳанда:
номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси
06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ
мудири шуъбаи агрохимияи Институти
хокшиносӣ ва агрохимия Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон М.Д.Атахонова

Суроға: ш. Душанбе,кучаи Н.Карабоев 7.ҳуҷраи 19
Тел: 907-47-10-85, matakhanova@mail.ru

Имзои Атахонова М.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадри
Институти хокшиносӣ ва
агрохимияи АИКТ С.У. Холова

Суроға: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21[а].
Тел: 992-3722732;
khokshinos@ mail.ru

5-уми феврали соли 2026